**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Одинаева Гулбону Мадалиевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.– Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи номзадии Одинаева Гулбону Мадалиевна ба таҳлилу баррасии вижагиҳои ғояviву бадеии шеъри шоири муосири тоҷик Ҳақназар Ғоиб ихтисос дорад.

Тавре ки маълум аст, Ҳақназар Ғоиб яке аз чеҳраҳои дурахшони шеъри муосир ва намояндаи насле аз адибони тоҷик аст, ки ибтидои даҳаи шастум ба майдони адабиёт омада таҳаввули бузурге дар шеъри муосир падид овардааст. Қобили зикр аст, ки эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб бисёрҷанба аст. Дар ҷомеаи адабии имрӯз ӯро ҳамчун шоир, ёддоштнавис, рӯзноманигор ва то андозае муҳаққиқи адабиёт мешиносанд. Дар имтидоди замон мақолоти мутааддаде аз ӯ дар атрофи шеъру вижагиҳои эҷодии шоирон Аминҷон Шукӯҳӣ, Жола Бадеъ, Лоиқ Шералӣ, Гулназар Келдӣ, Ашӯр Сафар, насрнависон Қувваталӣ Холов, Меҳмон Бахтӣ ба нашр расидааст. Вале мутаассифона перомуни зиндагӣ ва масири эҷодии ӯ то ба имрӯз таҳқиқи шоистае ба анҷом нарасидааст.

Аҳамияти таҳқиқи ҳозир дар он зоҳир мешавад, ки дар адабиётшиносии тоҷик барои аввалин бор зиндагӣ ва эҷодиёти яке аз машҳуртарин адибони тоҷик Ҳ.Ғоиб мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор мегирад.

Ногуфта намонад, ки дар тӯли замон ашъори пурмуҳтавои шоир ҳамеша таваҷҷуҳи муҳаққиқон будааст, ки намунааш мақолаҳои муҳаққиқон Абдурраҳмон Абдуманнонов «Сурӯши таърих» (1980), М. Тоҷиддинӣ «Аз «Шоҳнома» то «Эҳёнома» (2008), «Ҳақназар Ғоиб аз

табори Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ» (2013), Шоҳвалӣ Саидҷафаров «Сабз гардад як ниҳолу орзу» (1996), Абдунабӣ Сатторзода «Ҳақназар ва шеъри нарми ӯ» (2013), Мирзо Мулоаҳмадов ва Абдулҳай Қаландар «Шарқу Ғарби тифли як гаҳвора аст» (2017) мебошад.

Аксари ноқидони шеъри ӯ ба ҷанбаи нерӯманди иҷтимоӣ ва зебошинохтии ашъори ӯ ишорат намудаанд.

Муҳаққиқи эронӣ Муҳаммадризо Тоҷдинӣ дар яке аз мақолаҳояш хотирнишон намуда, ки шеъри ӯ реша дар худшиносии миллӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дорад. Ва дар ҳақиқат, афроштани парчами дубораи шеъри Фирдавсӣ ба дӯши Ҳақназар ва Ҳақназарҳост. Мавсуф Ҳақназар Ғоиброба шоирони шинохтаи Эрони муосир чун Манучеҳри Оташӣ, Орифи Қазвинӣ, Симини Беҳбаҳонӣ, Фаррухии Яздӣ, Мирзодаи Ишқӣ қиёс намуда гирифта навиштааст, ки Ҳақназар Ғоиб усулан шоири маънигарост, маънигароиро ба ақлу андеша пайванд мезанад ва мутолиоти таърихию таҷориби шоиронаашро ҳама дар хидмати маънию мафҳум мегирад ва суратро дар сират тарҷеҳ медиҳад.

Мунаққид ва адабиётшинос Атахон Сайфуллоев дар ҳавзаи бузурги адабиёти форсӣ ҳам шуҳрат доштани Ҳақназар Ғоибро таъкид мекунад.

Мурури адабиёти мавҷуд нишон медиҳад, ки ашъори Ҳ. Ғоиб аз ҷиҳати мавзӯъ, мундариҷа ва забону нигориш баррасӣ шуда, бурду бохти шоир дар ҷодаи ҳунари суханварӣ ба андозае нишон дода шудааст.

Ҳадафи аслии диссертант муаррифӣ намудани шахсияти адабии шоир ва таҳқиқи идеявиву бадеии ҷанбаҳои ашъори ӯст. Заминаи ин ҳадаф қабл аз ҳама аз он бармеояд, ки то ба имрӯз ин шоири шинохта мавриди таҳқиқи мукаммал қарор нагирифтааст. Барои амалӣ намудани ин мақсад муаллифи диссертатсия масъалаҳои зеринро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст: муайян намудани зиндагинома ва осори гуногунпаҳлӯи Ҳақназар Ғоиб; таҳқиқи ашъори шоир дар асоси маводи интишории адибону адабиётшиносон; муайян намудани мавқеи достон дар эҷодиёти адиб; таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ, мавзӯӣ ва поэтикаи

ашъори шоир; баррасии ашъори гуманистӣ ва ватандӯстӣ; таҳлили ашъори ба волидайн бахшидашуда; таҳқиқи масоили жанр ва вазну қофия дар осори шоир.

Навгониву тозагии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик то кунун мазмуну мундариҷаи осори Ҳ. Ғоиб, фунуни шеърии ӯ ба таври мукаммал ва ҷомеъ таҳқиқу баррасӣ нагардидааст. Барои нахустин бор дар диссертатсия мазмуну муҳтаво ва ҳунари шоирии Ҳақназар Ғоиб ба таҳлили ҳамаҷонибаи монографӣ фаро гирифта шудааст. Гузашта аз ин, зимни таҳқиқ эҷодиёти Ҳ. Ғоиб чун ҷузъи адабиёти муосири тоҷик ва нақши шоир дар таҳкими робитаҳои адабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Таҳқиқ аз чанд зовия ҳоизи аҳаммият аст. Нахуст омӯзиши ҳамаҷонибаи эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб на танҳо барои дарки моҳияти аслии сухани шоир зарур аст, балки барои маърифати ҳадафҳои адиб, муайян кардани мақоми ӯ дар адабиёти муосири тоҷик, инчунин нишон додани қонунмандиҳои инкишофи адабиёт дар марҳилаи муайян дорои арзишҳои илмӣ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқро метавон, зимни навиштани китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, китобҳои дарсӣ, курсҳои назариявӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну хонандагон, хондани лексияҳо, инчунин барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳои алоҳида аз адабиёти муосири тоҷик мавриди истифода қарор дод.

Диссертатсияи Одинаева Гулбону Мадалиевна аз назари сохтор ва бандубаст дорои муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори марбути мавзӯъ буда, аз лиҳози фарогирии масъалаҳо ва сохтори илмӣ мунсаҷим аст.

Дар боби аввал ва зерфаслҳои он перомуни зиндагинома, масири камолу боландагӣ, ҷаҳонбинӣ ва ҳуввиятпазирӣ, мероси илмӣ- адабӣ, фаъолияти шоирии Ҳақназар Ғоиб сухан рафтааст.

Диссертант дар боби дувуми диссертатсия перомуни мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявию бадеии ашъори лирикии Ҳ.Ғоиб маълумот додааст. Дар боби мазкур ҳамчунин ба масъалаи тарсими мавзӯъи инсонпарварӣ ва ватандӯстӣ дар ашъори адиб, дӯст доштани зиндагӣ ва эҳтиром ба инсон ва инсонпарварӣ таваҷҷуҳи хос мабзул шудааст.

Боби сеюми рисола ба таҳқиқи ҳунари нигорандагии шоир ихтисос дорад. Ин боб яке аз бобҳои асосӣ буда, дар саҳафоти он шаклу сохтори шеър ва ҷанбахои зебошинохтии он муфассал таҳқиқ шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври васеъ натиҷаҳои пажӯҳишҳои анҷомдодаи муҳаққиқ баён гардидаанд. Рӯйхати адабиёт ҷавобгӯйи меъёрҳои мавҷуд аст.

Автореферети диссертатсия ва мақолаҳои маншури унвонҷӯ фарогири мазмуну мундариҷаи комили диссертатсияанд.

Бо назардошти муҳиммияти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариву амалии диссертатсия, комиссия ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи номзадии Одинаева Гулбону Мадалиевна кори анҷомёфта буда, ҷавобгӯйи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи номзадии Одинаева Гулбону Мадалиевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мувофиқ буда, онро ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович–доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики ДДО ба номи С.Айнӣ

2. Шамсов Нурмат Сироҷович – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики ДДЗ ба номи С.Улуғзода.

Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод мешавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферати диссертатсия дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон барои чопи автореферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат додан мумкин аст.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ У. Сафар

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А. Кӯчарзода

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А.Абдусатторов